«**Тасдиқ мекунам**»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ профессор
__________Ибодуллозода А. И.
«__02__» ___01___ соли 2023

# ХУЛОСАИ

**Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна таҳти унвони «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсия дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ иҷро шудааст.

Имамбердиева Саломат Менгликуловна соли 1987 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро (собиқ Институти давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С. М. Киров) бо дараҷаи мутахассиси омӯзгори забон ва адабиёти ӯзбекӣ хатм карда, пас аз хатми донишгоҳ аввал ба сифати омӯзгор дар мактаби рақами 11-и ноҳияи Панҷ фаъолият карда, аз соли 2000 ба сифати ассистенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ то кунун машғул аст. Номбурда аз соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ мебарад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Дилмурод Раҷабович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар таърихи 28. 02. 2020 бо қарори № 8/6.2 тасдиқ карда шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 10 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон инъикос ёфтааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15.03.2022, суратҷаласаи № 7 гузаронида шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки муқарризони холис – доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими забону адабиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тӯраҳасанов Абдуқодир ва доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Расулов Суҳайлӣ муҳокима гардид. Аз маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

**чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Ономастика як ҷузъи ҷудонопазири таърихи миллат ва баёнгари давраҳои мухталифи рушду инкишофи забону фарҳанги ҷомеа ба шумор рафта, пажуҳишу омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо яке аз масъалаҳои мубраму умдаи забоншиносии муосир маҳсуб мегардад. Таҳқиқи мазкур аз он ҷиҳат мубрам ва актуалӣ аст, ки дар он бори нахуст ономастикаи яке аз асарҳои пурмуҳтавои устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо», ки то ба ҳол омӯхта нашудааст, мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор мегирад.

Дар диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна маводи ономастикии асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди баррасии ҳаматарафа қарор мегирад ва ин мавод аз нигоҳи ҷанбаи луғавӣ ва сохторӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, муайян гардидааст, ки маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ дар асар хеле фаровон буда, барои инъикоси ҷаззобияти ҳодисаву манзарасозӣ истифода гардидааст. Ҳамзамон паҳлуи дигари корбурди маводи ономастикии асари номбурда дар он аст, ки аз нигоҳи мансубият ба гурӯҳҳои мавзуи бештарашон мутааллиқи номҳои одамон ва лақабу тахаллуси онҳост, ки дар ин бобат дар диссертатсия маводи зиёд оварда шудааст.

Барои расидан ба мақсадҳои худ диссертант Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

– муайян кардани мавқеи номи ашхоси таърихӣ ва устуравӣ дар асар;
– таҳқиқ кардани қабатҳои луғавии антротопонимҳо дар асар;
– нишон додани мавқеи вижагиҳои луғавию семантикии антропониму антротопонимҳои асар дар масири таърихӣ;
– таҳқиқи вижагиҳо ва унсурҳои луғавии антропониму антротопонимҳои асар ва муайян кардани микдори муродифоту дараҷаи корбасти онҳо;
– баррасии вижагиҳои семантикии топоформантҳои асар;

– баррасии қабатҳои маънои луғавии ономастикаи асар, аз қабили номи деҳаҳо, шаҳракҳо, шаҳрҳо, кӯҳҳо, дараҳо, дарёҳо, кӯлҳо, чашмаҳо, чоҳу ҳавзҳо, обанборҳо, пиряҳҳо ва ғайра;
– муайян кардани нақши формантҳои онимсоз ва ҷанбаҳои забонии онҳо дар таркиби ономастикаи асар;
– таҳқиқи ономастикаи асари мавриди омӯзиш қароргирифта аз нигоҳи баромад, сохт ва шакл;
– баррасии ономастикаи асари «Ёддоштҳо» аз нигоҳи сохт ва муайян кардани вожаҳои сода, сохта, мураккаб, таркибии марбут ба ин соҳа;
– баррасии ономастикаи асар аз нигоҳи мансубият ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-узбекӣ ва омехта;
– баррасии формантҳои онимсози асар аз нигоҳи мансубият ба забонҳо, аз қабили пасвандҳои онимсози тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-узбекӣ.

Ба сифати мавод ва ё сарчашмаҳои асосии таҳқиқ «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ (нашри солҳои 1990, 2009, 2010, 2017, 2018, 2019) ва аз «Луғати осори С. Айнӣ» маҳсуб ёфта, манбаи асосии маводи гирдовардаи муҳаққиқ роҷеъ ба ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ қисмҳои I ва II нашри соли 1990, қисми III соли 2019, қисми IV соли 2009 мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқиро** осори илмӣ ва назариявии муҳаққиқони забоншиносии ватаниву хориҷӣ монанди: С. Айнӣ, А. Мирзоев, Д. Т. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, К. Бартоломей, А. А. Фрейман, М. Н. Боголюбов, В. Б. Ҳеннинг, В. А. Лившитс, И. М. Оранский, В. С. Расторгуева, А. Хромов, Д. И. Эделман, Л. П. Борисович, С. Нафисӣ, Б. Қариб, М. Муин, Деҳхудо, М. Баҳор, С. Шамисо, З. Қосимӣ, Ж. Омӯзгор, А. Тафаззулӣ, А. Каримов, Д. Саймиддинов, Р. Ғаффоров, Д. Хоҷаев, М. Қосимова, О. Муҳаммадҷонзода, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, Д. Ҳомидов, Б. Тураев, Р. Шодиев ва пешгуфтори фарҳангномаҳо дар бораи қавоиди дастурии забон ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он таҷассум меёбад, ки бори нахуст ономастикаи яке аз асарҳои пурмуҳтавои устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо» аз нигоҳи маъно, баромад, ташаккул ва сохтор, формантҳои онимсоз ва тобишҳои семантикӣ дар диссертатсия таҳқиқ гардида, сайри таърихиву ҷуғрофии ин ҷойномҳо дар асоси нигоштаҳои муҳаққиқони пешин ва муосир, тафсиру шарҳи ҷиҳатҳои ҷуғрофӣ, таърихии ин сарзамин, номи одамони асари «Ёддоштҳо» дар шакли умум нишон дода мешаванд.

Диссертатсияи номзадии С. Имамбердиева дар асоснокии илмӣ ва дарки вижагиҳои хосси маводи ономастикии асар ошкор мешавад. Аҳаммияти назарии рисола дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ доир ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, ба хусус, дар

борай қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки маводи ономастикӣ дар он нақш дорад, кори таҳқиқотӣ анҷом дода шудааст. Хулосаҳои илмии бадастомадаро дар навиштани китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосири ин сарзамин, инчунин дар таҳияи фарҳангу луғатномаҳои ономастикӣ метавон истифода кард.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсияи мазкурро дар дарсҳои назариявӣ, дар курсу машғулиятҳои амалии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ, шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филология, забонҳои Осиё ва Аврупо, таърих, ҳуқуқшиносӣ ва дигар риштаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Ҳамчунин, вожаҳои махсуси ономастикиро дар фарҳангномаҳо чун маводи тайёр метавон истифода кард.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кори диссертатсионии Имамбердиева Саломат Менгликуловнаро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Имамбердиева С. М. дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, Шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими забону адабиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тӯраҳасанов Абдуқодир ва доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Расулов Суҳайлӣ онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ қабул гардид.

Иштирок доштанд: 12 нафар аъзои Шурои олимон

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест, қарор №5 аз 28.12.2022.

**Раиси Шурои олимон,**
доктори илмҳои филология,
профессор Восиева Р.Қ.

**Муқарризони холис:**
доктори илмҳои филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
ва методикаи таълими забону
адабиёти ДМТ Тӯраҳасанов А.

доктори илмҳои филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
умумидонишгоҳии ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Расулов С.

Котиби илмии Шуро, дотсент Раҳмонов Б.

Имзоҳои Р. Қ. Восиева, С. Расулов ва Б. Раҳмоновро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

«29» 12 соли 2022

Имзои Тӯраҳасанов А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

«29» 12 соли 2022